«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви пайвастаи АИТ
_________ Насриддинзода Эмомалӣ
“2” 10 соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ))**

**Мутобиқи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 - Назария ва методикаи таълими фанҳои математики (таҳсилоти умумӣ) таҳия шудааст. Аз он ҷумла, ба банди 1 – коркарди барномаҳои омӯзишии навъҳо ва дараҷаҳои гуногун доир ба фанҳои омӯзишӣ барои муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун дар низоми таҳсилоти асосӣ; банди 2 - арзёбии самаранокии барномаҳои омӯзишӣ; банди 3 - тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва ғайраҳо мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Лаҳзае, ки ҷаҳон ба таҷрибаҳои ҳамкории фарҳангӣ ва муттаҳидшавӣ таваҷҷуҳ мекунад, низоми маориф ба талаботи наве рӯ ба рӯ мешавад. Ин талабот асосан ба мазмуни таълим пайваст буда, аз кишварҳои мутараққӣ то кишварҳои рӯ ба тараққиёт, аз ҷумла Тоҷикистон, меҳвари ислоҳоти замонавиро дар бар мегирад. Яке аз самтҳои асосии ин дигаргуниҳои таълимӣ ба стандарти фаннӣ ва маводи методӣ таъкид дорад. Рисолаи мазкур барои омодасозии равиши нав бо ҳадафи асосии ташаккули малакаҳои салоҳиятнокии хонандагон таҳия

шуда, таълими математика ҳамчун яке аз фанҳои муҳим дар низоми мазкур тахти таваҷҷуҳи хос қарор дода шудааст. Таҳлилҳо собит мекунанд, ки татбиқи равиши салоҳиятнок кори душвор ва мураккаб буда, мутобиқсозии ҷанбаҳои гуногуни равандҳо, аз ҷумла муайян намудани малакаҳои хонандагон, методологияи татбиқи равиши нав, роҳу воситаҳои методии кӯмакрасонӣ, инчунин омодасозии маводи таълимӣ то оғози татбиқи равиш мавриди таваҷҷуҳ мебошанд. Озмоишҳои аввали татбиқ ва таҳқиқоти муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ нишон доданд, ки арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун як ҷанбаи калидӣ омӯзиш ва таҳқиқоти амиқро талаб мекунад. Бар асоси ин таҳқиқот, ворид намудани намудҳои гуногуни арзёбӣ ба равандҳои таълим барои баланд бардоштани сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст. Таркиби ин раванди нав дар ҳуҷҷатҳое чун Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва 2030, инчунин Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Бо назардошти андешаҳои зикршуда ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии соҳавӣ, зарурати мавриди таҳқиқ қарор додани пешниҳоди ғояҳои нави назариявӣ ва амалӣ оид ба арзёбии таълим дар математика дар синфҳои ибтидоӣ ба миён меояд. Ин мушкилот озмоиши амалии василаҳои арзёбиеро талаб мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати азхудкунии фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дастовардҳои таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни математика ва ташаккули салоҳиятҳои математикии онҳо, баланд бардошта мешаванд, агар:

– дар асоси омӯзиши назарияи муосири педагогӣ ва баргузории таҳқиқот, ба низоми таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ тағйирот ворид гардида, методологияи муосири арзёбӣ бо мақсади баланд намудани сифати натиҷаҳои таълим аз фанни математика ошкор ва асоснок карда шавад;

– дар стандарти фаннӣ ва барномаҳои таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ворид шуда, шарҳу тавсиф, моҳият ва стратегияҳои он дар маводи иловагии таълим барои омӯзгорон ба таври системавӣ ва дастрас баён гардад;

– амсилаи рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгоронро дар масоили истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда коркард намуда, дар асоси он

воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода шавад;

– арзёбии ташаккулдиҳанда аз ҷониби омӯзгорон ҳамчун як ҷузъи таркибии раванди таълиму омӯзиш ҳисобида шуда, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. мавриди истифода қарор ёбад.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз саҳеҳӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:**

- нахуст ба таври аввалин бор тартиб, равиш ва стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, аз нуқтаи назарии назариявӣ ва амалӣ асоснок гардид:

- самтҳои муҳими таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мутобиқ ба стандарти фан ва мушкилоти татбиқ намудани он аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ таҳлил карда шуда, мафҳумҳои «баҳо», «баҳогузорӣ», «бал», «баҳодиҳӣ», «худбаҳо», «арзёбӣ», «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ҷамъбастӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии дохилисинфӣ» ва «робитаи мутақобила» тавсиф ва ба кор гирифта шуданд;

- моҳияти навъҳои арзёбӣ, хусусан арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин воситаҳои арзёбии омӯзиш бо ҳадафи беҳтар кардани сифати таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, методология, тартиби таҳия, стратегияҳо ва амалисозии он ба таври муфассал кор карда шуд

- зарурати татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда ва воситаҳои арзёбии омӯзиш вобаста ба муносибати босалоҳият муҳокима шуда, роҳҳо ва стратегияҳои амалӣ барои татбиқи ин равиш бо мақсади такмил додани раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимоти умумӣ, ташаккули салоҳиятҳои математикӣ ва арзёбии рушди онҳо ба таври муфассал асоснок гардид.;

- рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи методҳои арзёбии ташаккулдиҳанда таҳия гардида, воситаҳои муносиби онро ҳамчун василаи баланд бардоштани сифати таълими математика барои синфҳои ибтидоӣ ба кор бароварда шуданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

- таҳлилҳо оид ба масъалаҳои назарии омӯзиши фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи усулҳои гуногуни арзёбӣ гузаронида шудаанд. Омӯзиш ва баррасии маълумотҳои таърихӣ-

математикии олимони асримиёнагии форсу тоҷик дар ғанӣ гардондани равандҳои таълими фанни математика муҳим арзёбӣ гардидааст. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун як унсури калидӣ дар рушди салоҳияти хонандагон ҳангоми омӯзиши математикаи синфҳои ибтидоӣ таҳлил ва баррасӣ шудааст;

- таҳлили методологии масъалаи мавриди таҳқиқ. Истифодаи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, ки ба вазифаҳои мавзӯи таҳқиқ мутобиқат доранд. Самаранокии муттаҳидсозии методҳои эмпирӣ ва назариявӣ, ки ба хусусиятҳои озмоиши педагогӣ ва ҳадафи таҳқиқ ҷавобгӯ мебошанд. Мувофиқати асосҳои назариявӣ ба модели ташаккули омодагии омӯзгорони оянда барои интихоб ва татбиқи беҳтарин усулҳои таълим. Давомнокӣ ва такроршавии маълумоти ҳосилшуда дар рафти озмоиши педагогӣ, ки ба натиҷаҳои умумӣ мутобиқат дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейҳо мавриди озмоиш қарор ёфта, эътимоднокии онро собит намудааст. Ифтитоҳ ва асосноксозии методологияи муосири арзёбӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими математика. Коркарди модели рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи усули арзёбии ташаккулдиҳанда. Баргузории силсилаи озмоишҳо дар тӯли чандин сол бо такя ба асосҳои назариявии педагогикаи муосир дар муассисаҳои озмоишӣ. Таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои озмоишҳо ҳамчун марҳилаи ҷамъбасти тадқиқот.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** бо таъкид ба таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, муайянсозии ҳадафҳо ва вазифаҳои тадқиқот, инчунин муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, равшани кардани масъалаҳои асосии тадқиқот ва коркарди маълумоти бадастомада равшан шудаст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда муҳтавои асосии диссертатсияро ташкил медиҳанд ва ҳамчун натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ шинохта мешаванд. Дар раванди таҳқиқот, мушкилоти асосии татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда бо мақсади инкишофи салоҳиятҳои математикӣ дар хонандагон ошкор карда шуданд. Илова ба ин, методология ва воситаҳои арзёбии раванди омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ таҳия гардиданд, ки бо иштироки мустақими унвонҷӯ дар барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ, ки бо шарикони рушд амалӣ мешуданд, татбиқ шудаанд. Ин раванд дар ҷумҳурӣ ҳамчун яке аз таҷрибаҳои нахустин ба ҳисоб меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Мукарароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар 3 конференсияҳоии байналмилалию ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф "Стандарти таълими фанни "Математика", барномаи таълимӣ аз фанни "Математика", комплекси таълимӣ-методӣ ва 8 номгӯи мақолаи илмӣ, ки аз ин микдор 6–тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ду боб иборат буда, шаш зербоб, хулоса, феҳрести адабиёт иборат аст. Рисола 173 саҳифаи чопи компютериро ташкил дода, дар он 13 ҷадвал, 5 диаграмма ва 7 расм мавҷуд аст. Феҳристи адабиёт 163 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмию методиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шудааст. Ҷолиби қайд аст, ки дар **муқаддимаи** диссертатсия аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Маҳкамова М. Р. дараҷа ва сатҳи таҳқиқ шудани мавзуъ, мубрамияти таҳқиқу баррасии муаммои мавзуи таҳқиқ, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқоти илмй, фарзияи таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо ва давраҳои асосии таҳқиқот, асосҳои методологи ва назариявӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳу тавсиф ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия Боби якуми диссертатсия, ки **«Назария ва амалияи омузиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни арзёбӣ»** ном дорад, се масъалаи муҳими мавзуи мазкурро дар се зербоб дар бар мегирад.

Дар зербоби аввал – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ»** бо назардошти шароити иҷтимоию сиёсӣ муносибат ва методҳои таълиму тарбияи математикии насли наврас мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуда, мақсадҳо, мундариҷаи таълими математика, стандарту барномаи таълимии фан, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ баррасӣ мегардад. Ба ақидаи муаллиф, рушди доимии ҷомеа боиси он мегардад, ки мақсадҳо ва мундариҷаи таълими фан, аз ҷумла математика дар синфҳои ибтидоӣ, мувофиқи талаботи муқарраркардаи ҷомеа таҷдиди назар шуда, хусусиятҳои математика ҳамчун илм, накш ва мавқеи он дар системаи

муосири илмҳо, дар технология ва истеҳсолот, аҳамияти он дар ҳаёти ҷомеаи муосир, муайян карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Вазъи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи муносибатҳои нав ба таълим ва арзёбии фаъолияти хонандагон»** таҳлил ва шарҳи вазъи мавҷудаи таълими математика, дурнамои рушди он вобаста ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва арзёбии дастовардҳо ва мушкилоти хонандагон оварда шудааст. Муаллифи рисола чунин мешуморад, ки таваҷҷуҳ ба фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ дар мавриди миқдори соатҳо хуб аст, аммо як ҷанбаи муҳим - ворид намудани навъҳои гуногуни арзёбӣ бо мақсади таъмини сифат дар барномаҳои таълим чандон назаррас нест. Соатҳои ҷудонамуда дар аксари ҳолатҳо ба корҳои хаттии хонандагон равона шудааст, ки дар тамоми синфҳо (аз 1- 4) аз 8 то 10 соатро ташкил намуда, он ҳам барои ҷамъбасти чорякҳо, нимсола ва солонаҳо истифода мешаванд.

Зербоби сеюми боби якум **«Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун омили баланд гардидани таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ»** ном дорад. Дар он тавсиф ва шарҳи мафҳумҳои баҳо, баҳогузорӣ, баҳодиҳӣ, бал, балгузорӣ, арзёбӣ, навъҳои арзёбӣ ва хусусиятҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф сарчашмаҳои таълимию методиро талил намуда, дарҷ кардааст, ки баҳо меъёри асосии муайянкунии сатҳу сифати тайёрии хонанда, яъне барои муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон нигаронида шудааст ва меъёру стандартҳои таълимӣ як намуди мувофиқатнома оид ба сифат мебошанд. Баҳо ва низоми баҳодиҳӣ дар умум бевосита маҷмӯи арзишҳо ва натиҷаҳои дилхоҳро, ки системаи маориф дар назди худ гузоштааст, инъикос мекунанд ва вобаста ба таҳлилҳо дар тавсифу шарҳи мафҳумҳои асосии низоми баҳогузорӣ, тарзи баҳогузорию навъҳои он андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта, камбудию норасоиҳо мавариди баррасӣ қарор дода шудааст. Маврид ба зикр аст, ки муаллифи рисола дар ин қисмат ба хулоса омадааст, ки арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш дар баланд бардоштани сатҳи дастовардҳои хонандагон, афзоиши адолати натиҷаҳои ниҳоии баҳодиҳӣ ва мустақилияти таълимию омӯзишии хонандагон саҳми бештар мегузорад.

Боби дуюми диссертатсия **«Методикаи амалисозии раванди истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълим ва омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм - **«Хусусиятҳои психологӣ ва педагогии истифодаи арзёбии ташаккулиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ»** ба таҳлили шарҳи мафҳумҳои стратегия, метод ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда бахшида шуда, алоқамандии он бо

ҷанбаи арзёбӣ баррасӣ гардидааст ва амсилаи арзёбии ташаккулдиҳанда, татбиқи ҳар як стратегияҳои он бо назардошти ҷанбаҳои педагогию психологиашон шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ айни замон марҳалаи мураккаби инкишофро аз сар гузаронида истодаанд ва он ҳам ба такмили низоми соҳа, махсусан дар ҷорӣ намудани муносибатҳои нав дар раванди таълиму арзёбӣ алоқаманд аст. Бо назардошти он ки масъалаҳои мазкур дар соҳа барои омӯзгорон навгонӣ ба шумор меравад, баланд бардоштани сатҳи касбӣ таваҷҷуҳи хосаро тақозо менамояд. Дар баробари ин нақши омӯзгор дар татбиқи муносибатҳои нав ба таълим ва арзёбӣ ҳамчун омили беҳтар намудани сифати таълим ва омӯзиши хононанда, махсусан дар ҷумҳурӣ, кам тадқиқ шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Татбиқи амсилаи басистемадарории воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои математикии хонандагон»** ном дорад ва дар он асосҳои умумӣ ва шарҳи мафҳумҳои стратегия, метод ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлил гардида, алоқамандии он бо ҷанбаи арзёбӣ баррасӣ карда шудааст. Ҳамчунин дар ин зербоб диссертант доир ба татбиқи амсилаи басистемадарорӣ ва ташаккули воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда бо мақсади рушди салоҳиятҳои математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ намунаҳои мушаххасро пешниҳод кардааст, ки дар маҷмуъ 8 стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда шарҳ ва тартиби истифодаи он оварда шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм **«Динамикаи ташаккули салоҳиятҳои математикии хонандагон дар раванди таълим»** ном дорад. Дар он тартиби таҳия, натиҷаҳои озмоиш ва таҳқиқот доир ба воситаҳои арзёбии омӯзиши математикаи синфҳои 1-2 пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз таҳлилҳо маълум гардид, ки муаллифи рисола дар зербоби мазкур воситаҳои арзёбии омӯзишро бо се мақсад пешниҳод кардааст: 1) воситаҳои арзёбии омӯзиш ба омӯзгор барои ба дастоварии маълумоти ғанӣ дар бораи раванди азхудкунӣ ва омӯзиши хонандагон ва барои такмили методикаи омӯзиш имкони фаррох медиҳад; 2) воситаҳои арзёбии омӯзишро барои арзёбии ҷамъбасти чорякҳо, нимсола ва солона ҳамчун арзёбии ҷамъбастӣ низ истифода бурдан мумкин аст; ва 3) дар маҷмуъ барои арзёбии натиҷаҳои хонандагон дар сатҳи миллӣ кормандони соҳа воситаҳои арзёбии омӯзишро низ истифода бурда метавонанд.

Маврид ба зикр аст, ки муаллифи рисола дар боби дуюми кори диссертатсионӣ оид ба фароҳам овардани шароит бо назардошти татбиқи муносибатҳои нави таълим ва арзёбӣ ва таҳлили омодагии омӯзгорон барои татбиқи онро хулоса намуда, доираи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва арзёбии ташаккулдиҳандаро мавриди

таҳқиқ кушода, мӯҳтавою стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва корҳои таҷрибавию озмоиширо тавсиф ва натиҷаҳои онро баён кардааст.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияро муаллифи рисола дар хулосаи умумӣ доир ба таҳқиқот хеле ба маврид овардааст, ки чанде аз онро ин ҷо дарҷ кардан мувофиқи мақсад аст:

1. Ҷанбаҳои методологии илми математика барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба омӯзиши фан, ташаккули қобилиятҳои фикрронӣ ва расидан ба ин ҳадафҳо нигаронида шуда бошанд ва дар раванди азхуднамоии маводи таълим саҳми хонандагон бояд бештар гардад;

2. Навъҳои гуногуни арзёбӣ бояд мавриди истифода қарор дода шаванд ва дар баробари ин тибқи талаботи муосир салоҳиятҳои касбии омӯзгорон барои татбиқи ин навгониҳо ба таври доимӣ рушд дода шаванд;

3. Татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда бештар аз омӯзгорони соҳибкасб ва босалоҳият вобаста аст;

4. Дар раванди таълими математика мақсадҳо, ки муайянкунандаи асосии мазмуни таълими курси математика ҳастанд, бояд ба рушди салоҳиятҳои хонанда нигаронида шаванд;

5. Воситаҳои арзёбии омӯзиш масири омӯзишии хонандаро омӯзгор дуруст муайян намуда, барои рушд ва беҳтар намудани натиҷаҳои таълимӣ имкони бештарро ба даст меорад ва монанди инҳо.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Сохтори илмӣ, пайдарҳамии бобҳо ва бахшҳои диссертатсия ва мавзуъҳои таҳқиқшуда дуруст ҷобаҷогузорӣ карда шуда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият даровардa шудаанд. Ҳама саҳифаҳои диссертатсия рақамгузорӣ карда шуда, дар қисми болоии саҳифаҳо бо радифсозии мутамарказ гузошта шудааст.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Таҳлили автореферат ба диссертатсияи илмии Маҳкамова М. Р. нишон медиҳад, ки номи диссертатсия ба муҳтавои он комилан мувофиқ аст. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи диссертатсия дошта, моҳияти корро пурра инъикос мекунанд. Автореферат ва диссертатсия оид ба муаллифи он ҳамчун мутахассиси омодагашта, тахассусманд ва дар ҳалли муаммоҳои илмию педагогӣ қобилиятнок тасаввурот медиҳад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи илмии ба анҷом расонидани довталаб Маҳкамова М. Р. дар

мавзуи "Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ" ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021 сол ва тағйиротҳо аз санаи 26.06.2023 с.) ҷавобгӯй мебошад ва ба пуррагӣ ба талабот барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) мувофиқ аст. Муаллифи диссертатсияи мазкур Маҳкамова Машҳура Раҳимовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Маҳкамова М.Р. кори бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст.

**Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия.**

1. Дар рисола муаллиф ба андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар оид ба методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ васеъ таваҷҷуҳ намудааст, вале бобати баёни андешаҳои хеш гоҳо ба маҳдудият дучор шуда, хулосаҳояшро нопурра арзёбӣ кардааст.
2. Агар муҳаққиқ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ корҳои озмоишии худро дар корҳои берунaзсинфӣ низ баргузор менамуд, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.
3. Рӯйхати адабиёти истифодашуда бархе аз номгӯи асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки дар диссертатсия осори онҳо таҳлил гардидаанд ва оид ба мавзуи таҳқиқшаванда мебошанд, дар бар нагирифтааст.
4. Дар бахши феҳристи адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, миқдори саҳифа якнавохтӣ ва хатогиҳо ба назар мерасад.
5. Дар баъзе саҳифаҳои рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Эродҳо ва зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизеро коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи роҳу усулҳои амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бозгӯ намоянд.

Ҳамин тариқ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯйи ихтисоси

13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 - Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Тақриз дар семинари муштараки илмии факултети механикаю математика (кафедраҳои методикаи таълими математика ва геометрия ва математикаи ҳисоббарорӣ ва механика)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст. Дар семинари илмӣ оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 15 нафар омӯзгор иштирок дошта, кори пешниҳодшудаи илмиро ҳамҷониба мусбат арзёбӣ карда, дастгирӣ намуданд.

Сана:27.09.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои техникӣ, дотсент,
декани факултети механикаю математикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **И. М. Саидзода**

**Ташхисгар аз муассисаи пешбар:**
номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи методикаи таълими математика
ва геометрияи факултети механикаю
математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **С. Р. Курбанов**

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти
кафедраи методикаи таълими математика
ва геометрияи факултети механикаю
математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **С.Н. Исматов**

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои
МДТ “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” **Э.Ш. Шодихонзода**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кучаи Рудакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj тел: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10